**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**

**ба диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ- таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.15- Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Хоруғ, 2026.- 185 сафҳа.**

Яке аз масъалаҳои мубрами илми адабиётшиносӣ омӯзиши равобити адабии кишварҳои Шарқу Ғарб мебошад, ки аз дер замон дар байни онҳо пайвандҳои зиёде мавҷуданд, ки чунонки шоиста аст, таҳқиқ нашудаанд.Ин равобити адаби бо роҳҳҳои гуногуни тиҷорӣ, алалхусус бо Роҳи Бузурги Абрешим бавуҷуд омадаанд, ки муҷиби табодули афкор дар фалсафаву ҳикмат, илму адаб ва дигар арзишҳои фарҳангӣ гаштаанд. Равобити илмию адабии Шарқу Ғарб сабаби ғанӣ гардидани тамаддуни ҷаҳонӣ гардида,боиси ба ҳам қарин гардидани миллатҳои мухталиф, мубодилаи арзишҳои маънавӣ ва таҳкими сулҳу субот дар сайёра шудаанд. Дар ин миён суханварони нобиғае дар Шарқу Ғарб дар мароҳили гуногуни таърихӣ зуҳур кардаанд, ки новобаста аз марзу бум, дину ойин ва ирқу нажод бо вуҷуди доро будан ба махсусиятҳои шарқию ғарбӣ дар бархе аз масоили маънавӣ ва адабию ахлоқӣ андешаҳои муштарак доранд. Хоҷа Шамсуддин Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир аз ҷумла нобиғагони тамаддуни башарӣ мебошанд, ки новобаста аз махсусиятҳои шарқию ғарбӣ доштани осорашон, дар баъзе масоили адабӣ ва ахлоқию маънавӣ афкори муштарак доранд.Аз миёни шоирони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ шеъри Хоҷа Ҳофиз беш аз ҳама мавриди истиқболу пайравии суханварони Шарқу Ғарб ва шарҳу тафсири шореҳону таҳқиқоти донишмандони миллатҳои гуногун қарор гирифтааст.Осори Вилям Шекспир низ дар тамаддуни башарӣ нақши муҳим дошта, таъсири назаррасе дар таҳаввули адабиёти ҷаҳонӣ гузоштааст. Эътирофи бузургони илму адаби ҷаҳонӣ аз Ҳофизу Шекспир, пеш аз ҳама, ба ҳунари шоирии онҳо марбут аст. Дар баробари ҳунари воло ғазалиёти Ҳофизу сонетҳои Шекспир дорои маъонии олие мебошанд, ки дархури дарди ҳар давру замон мебошанд. Яке

аз ин мавзуоти меҳварии ғазалиёти Ҳофиз ва сонетҳои Шекспир ситоиш ва тарғиби инсони озодаест, ки аз ҳама гуна тааллуқот озод ва ашрафи махлуқот мебошад. Ғарази Ҳофизи Шекспир аз тарғиби инсони озоду вораста танҳо тарбияти мардуми ҳамзабону ҳамдин нест, балки саодати дуҷаҳонии инсоният дар назар аст. Аз ин рӯ, осори ин ду нобиғаи ҷаҳонӣ мақбули хосу оми на танҳо форсизабонон ва ё аврупоиён, балки писанди кулли мардуми зебописанду озодипарасти сайёра гардидаанд. Воқеан, омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти форсӣ аз суннатҳои устувори ховаршиносии аврупоӣ мебошад ва таърихи куҳан дорад. Ховаршиносӣ, алалхусус эроншиносӣ як бахши муҳими адабиётшиносии аврупоиро ташкил медиҳад ва дар ин масъала дастовардҳои шоёне дар таҳқиқи равобити адабии Шарқу Ғарб сурат гирифтааст. Аммо бовуҷуди таҳқиқотҳои илмӣ дар таҳқиқи равобити адабиёти Шарқу Ғарб масъалаҳое ҳастанд, ки ба таври бояду шояд омӯхта нашудаанд ва яке аз масоили мубрам таҳлили муқоисавии ғазалиёти Хоҷа Шамсуддин Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир мебошад. Аз ҳамин ҷиҳат ба сифати рисолаи илмӣ баргузида шудани мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир » аз тарафи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна айни мудао ва хеле актуалӣ мебошад. Диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна ба таҳқиқи масоиле ихтисос дорад, ки актуалӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи замон буда, ба ихтисоси 6.2.15- Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ **мувофиқат менамояд.**

Таҳқиқ ва омӯзиши муқоисавии ғазалиёти Хоҷа Ҳофиз ва сонетҳои Вилям Шекспир дар заминаи робитаҳои адабии Шарқу Ғарб, алалхусус таъини нақши афкори инсонсози ин ду суханвари бузурги ҷаҳонӣ дар адвори мухталифи таърихӣ, маърифат ва масъалаи тарҷумаи босалоҳияти ғазалҳои Ҳофиз ва сонетҳои Шекспир ба забонҳои аврупоӣ ва Шарқӣ аз масоили мубрами илми адабиётшиносӣ, бахусус рабитаи адабишиносӣ мебошад, ки дар ин замина таҳқиқоти ҷиддие сурат нагирифтааст. Ин ҳама аз **аҳаммият ва мубрамии мавзуи мавриди таҳқиқ гувоҳӣ медиҳад.**

Ҳадафи муаллифи диссертатсия таҳлили илмии муқисавӣ-таърихии ғазалҳои Ҳофиз ва сонетҳои Шекспир дар заминаи равобити адабии адабиёти адабиёти форсӣ-тоҷикӣ бо адабиёти англис мебошад. Аҳдофе, ки муаллифи рисола назди худ мегузорад, ӯро ба таҳқиқи мавзуъ ҳидоят мекунанд. Воқеан, то махсусият ва муштракоти андешаҳои созандаи нобиғагони тамаддуни башарӣ, чун Ҳофизу Шекспир ва ҷойгоҳи осори онҳо дар тамаддуни инсонӣ муайян нагрдад ва саҳеҳияти тарҷумаи осори онҳо таъин нагардад, ба таври илмӣ муайян кардани равобити адабиии Шарқу Ғарб, алалхусус адабиёти форсию англис аз имкон берун аст. Бо ин мақсад муаллифи диссертатсия назди худ вазифа мегузорад, ки сайри таърихии ташаккул ва рушди равобити адабии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва англисро дар асрҳои миёна таҳқиқ намуда, дар ин замина тарҷумаи ашъори Ҳофиз ба забони англисӣ ва сонетҳои Шекспирро ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва нақши онҳоро дар таҳаввули ин рабитаҳои адабӣ ташхис диҳад. Муқоисаи ғазалиёти Ҳофиз ва сонетҳои Шекспир аз ҷиҳати мазмуни мундариҷа, хусусиятҳои ғоявӣ,мавзуӣ, бадеӣ ва андешаҳои муштаракаи инсонсози онҳо, вижагиҳои тарҷумаҳои осори онҳо ва таъини маҳорати тарҷумонҳо дар маърифати шеъри Ҳофизу сонетҳои Шекспир ва ҳунари шоирии ин ду нобиғаи давру замонҳо аз аҳдофи дигари муаллифи рисола аст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик ба таври муназзам ғазалҳои Ҳофиз ва сонетҳои Шекспир ба таври монографӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ қарор гирифтаанд.Таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ ба муаллифи рисола имкон дода, ки муштаракоти мавзуӣ, ғоявӣ ва шаклию мундариҷавии ғазалиёти Ҳофиз ва сонетҳои Шекспирро ташхис диҳад ва нақши онҳоро дар таҳаввули тамаддуни башарӣ бо далоили илмӣ собит намояд. Ин амал имкон фароҳам оварда, ки вижагиҳои муштарак ва фарққунандаи бунмояҳои шарқию аврупоӣ дар мисоли ғазалиёти Ҳофиз ва сонетҳои Шекспир дар равобити адабиии Шарқу Ғарб мушаххас гардад.

Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар асоси консепсияи илмӣ ва асарҳои назариявии донишмандони ватанию хориҷӣ мавзуъро таҳқиқ намуда, ки натиҷаҳои таҳкиқи ӯ **боэътимоданд**. Гузашта аз ин, дар диссертатсия ҳамгунии ғазалиёти Ҳофиз ва сонетҳои Шекспир аз назари шаклу маънӣ ва вижагиҳои ғоявию услубӣ муайян шудаанд, ки дар онҳо хулосабарории мантиқӣ ба назар мерасад. Ҳаҷми маводи таҳқиқ, интишорот дар мавзуи диссертасия, коркарди натоиҷи таҳқиқ ва асосҳои назариявию методологии кор барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.15.- Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ **мувофиқат мекунад**.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** дар маърифати комили масоили матраҳшаванда ва таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофиз ва сонетҳои Шекспир дар заминаи равобити адабии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва адабиёти англисӣ мебошад. Маводи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқикро ҳангоми омӯзиши равобити адабии адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ ва адабиёти аврупоӣ, алалхусус адабиёти англисӣ, навиштани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ доир ба таърихи равобити адабӣ, семинару курсҳои ихтисос доир ба таъсирпазирӣ аз адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, образҳои шеърӣ дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ ва адабиёти аврупоӣ барои донишҷӯён, магистрон ва доираи васеи хонандагон истифода бурдан мумкин аст.

Ёрбекова Зарина доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ба нашр расонида, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар феҳристи маҷаллаҳои шомилбудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ чоп гардидаанд. **Маводи нашргардида**, ки дар бахши “Интишороти илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия” оварда шудааст, масъалаҳои асосӣ, хулосаи таҳқиқ дар фаслу бобҳо ва муҳтавои асосии диссертасияро инъикос менамоянд. Аз ин дидгоҳ, **саҳми шахсии довталаби** дараҷаи илмиро дар раванди пажуҳиши мавзуъ, дар таҳлили муқоисавӣ-таърихии ғазалиёти Ҳофиз ва

сонетҳои Шекспир ва таъин намудани муштаракоту фарқиятҳои осори ин ду суханвари бузурги тамаддуни башарӣ қайд намудан мумкин аст.

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, шаш зерфасл,хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натоиҷи таҳқиқ, феҳристи адабиёт, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва замима иборат буда, дар маҷмуъ 184 сафҳаи чопи компюториро фаро мегирад. Нақшаи кор чунон таҳрезӣ шуда, ки ҳеҷ як масъалаи марбут ба мавзуии таҳқиқ аз назар дур намондааст. Сохтори диссертатсия ба хусусият ва характери масъалаҳои мавриди таҳқиқ мувофиқат мекунад. Дар муқаддима, се боб ва хулоса масъалаҳои назариявию амалии мавзуи мавридим таҳқиқ баррасӣ шудаанд. Дар муқаддимаи диссертатсия ҳама унсурҳое, ки тибқи муқарраротн КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин бахш овардани онҳо зарур аст, мушоҳида мегарда ва муназзам баён ёфтаанд. Довталаби дараҷаи илмӣ дар назди худ вазифаҳои мушаххас гузошта, нуктаҳои асосиро ба ҳимоя пешниҳод намудааст, ки дар адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохти муштаракоти ғазалҳои Ҳофиз ва сонетҳои Шекспир аз назари мавзуъ, ғоя, бунмояҳои адабӣ, шаклу мундариҷа ва амсоли инҳо аҳаммияти хуби илмӣ доранд.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқот, сарчашмаҳо, асосҳои назарӣ ва методологии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, навгонии илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «Масъалаҳои ташаккул ва рушди равобити адабии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва англис (дар замони Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир)» унвон дошта, аз ду фасл ва ду зерфасл иборат аст. Дар фасли аввал унвонҷӯ саъй намудааст таърихи равобити адабии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва англисиро дар асрҳои Х11-Х1У бо такя ба сарчашмаҳо ва

адабиёти тадқиқотӣ муайян намояд. Аз таҳқиқи муаллифи рисола бармеояд, ки равобити адабии Шарқу Ғарб, алалхусус адабиёти форсӣ ва англисӣ таърихи дерина дошта, мароҳили гуногунро сипарӣ намудааст. Дар фасли дувуми ин боб ва зерфаслҳои он Ёрбекова Зарина бо такя ба таҳқиқоти ховаршиносони аврупоӣ ва адабиётшиносони ватаную хориҷӣ шуҳрати ҷаҳонии Ҳофизу Шекспир, ҷаҳонбинӣ ва забони осори мондагори онҳоро баррасӣ намудааст.Унвонҷӯ аз таҳқиқи мавзуи мазкур ба хулоса омадааст, ки "Ҷаҳонбинии Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир ҷаҳонбинии ошиқонаву орифона ва пешқадами даврони худ аст, ки фалсафаи баланди инсондӯстӣ дорад" (дисертатсия, 38).

Боби дувуми диссертатсия "Омӯзиши муқоисавии ҳаёт ва эҷодиёти Ҳофизи Шерозӣ ва Вилям Шекспир (дар асоси ғазалиёт ва сонетҳо)" унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Дар фасли аввал унвонҷӯ такя ба сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва тадқиқотҳои донишмандони ватанию хориҷӣ саъй намудааст рӯзгор ва осори ин ду суханвари бузурги ҷаҳониро ҳаллу фасл намояд ва дар ин замина муштаракоту фарқиятҳои замонию маконӣ ва манбаи илҳоми онҳоро таъин намояд.Аз ҷумла таъкид менамояд, ки " манбаи илҳоми ҳар ду шоири оламшумул ба ҳам наздиканд, аз ҷумла ҳар ду донандаи мусиқӣ буда, дар офаридани ашъори лирикӣ аз мусиқӣ низ истифода намудаанд" (дис.,56).

Дар фасли дувуми боби дувум Ёрбекова Заррина Мардонқуловна бо таҳқиқи тарҷумаи ғазалиёти Ҳофиз ба забони англисӣ ва сонетҳои Шекспир ба забони тоҷикӣ пардохта, сатҳу сифат ва қабули ин тарҷумҳаро баррасӣ намудааст. Бино ба таҳқиқи муаллифи диссертатсия, "тарҷумаи сонетҳои Вилям Шекспир ва ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ дар Тоҷикистон ба ду роҳ сурат гирифтааст:1. Баргардони ғазалиёти Ҳофиз аз хатти форсӣ ба хатти кириллӣ ва тарҷумаи сонетҳои Шекспир аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ. 2. Тарҷумаи таҳқиқоти илмӣ муҳаққиқон ва осори адабии суханварон ба забони тоҷикӣ"(дис.,70). Дар фасли севуми боби дуюм бо баррасии асарҳои

таҳқиқотии донишмандони ватанию хориҷӣ унвонҷӯ сайри таърихии таҳқиқи ғазалиёти Ҳофиз ва сонетҳои Шекспирро нишон додааст.

Қисмати асосии диссертатсияро боби севум ташкил медиҳад, ки "Таҳлили муқоисавӣ-таърихии хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир" унвон дошта, аз ду фасл ва чаҳор зерфасл иборат аст. Дар фасли аввал, ки "Хусусиятҳои ғоявию мавзуии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир" унвон дорад, Ёрбекова Заррина Мардонқуловна доир ба мушаххасоти асосии осори ин ду суханвари бузурги Шарқу Ғарбро мушаххас намуда, саъй намудааст дар баробари муайян намудани хусусиятҳои ғоявию мавзуӣ ашъори онҳоро аз лиҳози ҳунар баррасӣ намояд.Зерфасли аввал ба таҳқиқи мавзуи ишқ дар ашъори Ҳофиз ва Шекспирихтисос дорад. Аз таҳқиқи мавзуъ бармеояд, ки  мавзуи ишқ аз мавзуъҳои марказии ашъори ин ду шоири бузург буда, тасвиру тавсифи ишқ дар баробари  муштаракот хусусиятҳои фарқкунандаи шарқиёнаву ғарбиёнаи ба худ хос доранд, аммо ғояи асосӣ ва андешаҳои инсонсози ҳар ду шоири бузург ҳамгуна буда, ба саодати дуҷаҳонии инсоният нигаронида шудаанд..

Дар зерфасли дувум тасвири май дар ғазалиёти Ҳофиз ва сонетҳои Шекспир мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.Муаллифи диссертасия бо такя ба асарҳои таҳқиқотӣ ба хулоса меояд, ки тасвири май дар ашъори Ҳофиз бешатр маврид рамзии ирфонӣ буда, намоди озодагӣ ва растагорӣ мебошад. Шекспир ҳарчанд вожаи майро истифода набурдааст, аммо таркибҳои марбут ба май монанди қадаҳу соғарро ба кор бурда, ки ишора ба май аст (дис., 128).

Зерфасли севуми фасли аввал ба мавзуи "Тасвири дӯстиву рафоқат дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир" бахшида шудааст.Аз таҳқиқи мавзуъ муаллиф ба натиҷа мерасад, ки мавзуи дӯстиву рафоқат ва панду андарз дар ин масъал аз мавзуи асосии ашъори ин шоири бузург ба ҳисоб рафта, ашъори дар ин мавзуъ бахшида онҳо дар баробари мазомини баланди инсондӯстона арзиши баланди ҳунарӣ доранд. Зерфасли чаҳорум ба баррасии тасвири табиат дар ашъори Ҳофиз ва Шекспир ихтисос

дода шудааст. Ёрбекова бо такя ба асарҳои тадқиқотӣ ва овардани шоҳидҳои шеъри аз ғазалиёти Ҳофиз ва сонетҳои Шекспир собит менамояд, ки ин ду нобиғаи ҷаҳони табиати ватани худро дар некутарин сурат ба тасвир кашидаанд, ки арзиши баланди маърифатӣ ва эстетикӣ доранд. Дар ин замина унвонҷӯ муштаракот ва фарқияти тасвири табиатро дар ғазалҳои Ҳофиз ва сонетҳои Шекспир бо далоилӣ илмӣ нишон додааст.

Фасли дувуми боби севуми диссертатсия “Хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир” ном дошта, бадеияти ашъори ин ду суханвари бузург, сабки сухан, оройяҳои адабӣ, аз ҷумла корбурди саноеи бадеӣ ва ҳунари шоирии онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллифи рисола бар он андеша аст, ки ҳам Ҳофиз ва ҳам Шекспир дорои сабки хоси худ мебошанд ва нақши санъатҳои бадеии дар ашъори онҳо корбурди мунҳасир ба фард дорад. Унвонҷӯ корбурди муҳимтарин саноеи адабӣ, монанди таҷнис, иҳом талмеҳ, истиора, ташбеҳ, саволу ҷавоб муроотӣ назир ва ғайраро дар ғазалҳои Ҳофиз ва сонетҳои Шекспир баррасӣ намуда, умумият ва фарқияти онҳоро бо шоҳидҳои шеърӣ нишон додааст, ки арзиши илмӣ доранд.

Хулосаи диссертатсияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар 12 банд пешниҳод гардида, истиноди лозим дар охири ҳар банд ба таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ фарогири нуктаҳои асосии таҳқиқшуда ва натиҷагирӣ аз бобу фаслҳои диссертатсия мебошанд.

Дар ин кори илмии Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар баробари дастовардҳо камбудҳое ба назар расид, ки ислоҳи он метавонад арзиши илмии онро афзояд:

1.Мутаассифона, Ёрбекова Заррина Мардонқуловна аз баъзе мақола ва асарҳои таҳқиқотӣ, ки перомуни рӯзгор ва осори Ҳофиз, шарҳҳои девони Ҳофиз ва дар маҷмуъ шинохти шеъри ин шоири бузурги ҷаҳонӣ эҷод шудаанд, хабар надорад ва истифода накардааст.

2. Дар баъзе аз фаслу зерфаслҳо, монанди зерфасли дувуми фасли аввали боби севуми “Тасвири май дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир”, фасли дувуми боби севум “Хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир” унвонҷӯ ба масъалаи асосӣ камтар таваҷҷуҳ намуда, бештар ба шарҳи мавзуъҳои дувумдараҷа мепардозад.

3.Дар таъини ҳунари шоирии ҳам Ҳофиз ва ҳам Шекспир далелҳои овардаи муаллифи рисола басанда нестанд.Муаллиф бояд ба делелҳои илмӣ ва бо таҳлили ҳаматарафаи абёти ҷудогонаи ин ду нобиғаи суханварӣ ҳунари шоирӣ ва сабки хосаи онҳоро собит менамуд.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат хатоҳои техникӣ ва услубӣ ба назар расиданд,киислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

6. Хулосаи баъзе фаслу бобҳо такрори андешаи баёншуда ва ноқисанд.

Ин эродҳо ҷузъӣ буда, ба ҳеч ваҷҳ арзиши илмии рисоларо намекоҳанд.

Хулоса, диссертасияи Ёрбекова Заррина Мардонқуловна дар мавзуи «Таҳлили муқоисавӣ- таърихии ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва сонетҳои Вилям Шекспир» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Таҳқиқоти мазкур дар адабиётшиносии тоҷик саҳифаи тоза буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6.2.15- Адабиёт тоҷик, равобити адабӣ мебошад

**Муқарриз:**
доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
«25» июни соли 2026.

Исрофилниё Ш.Р.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,

шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Деҳи боло,162
Тел.: (+992) 93 36 70 999;012961001
E-mail: isrofilniyo@ mail.ru

Имзои Ш.Р. Исрофилниёро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ф. Муҳаммадиев, 17\6.
Телефон: +992-37) 2325029; 2325000;факс: +992372325003.
E-mail: rectorat/dbzkht.tj@mail.ru
«29» июни соли 2026